2141 - Ҳукми пайванди узвҳои таносулӣ

савол

Ҳукми ҷарроҳии пайванди байза (тухм, хоя) аз шахсе, ки ба тозагӣ фавтидааст, ба шахси дигар чист? Ин ҷарроҳӣ метавонад барои шахси безуриёт роҳи ҳал бошад.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шӯрои "Маҷмаъу-л-фиққи-л-исломӣ" ба ин савол чунин посух доданд:

Аввал:

Пайванди ғадуди таносулӣ:

Азбаски байза ва тухмдон ҳатто пас аз пайванд ва интиқол намудани онҳо ба бадани нав сифатҳои ирсӣ ва генетикии шахси аслиро идома медиҳанд, бинобарин пайванди ин ду тибқи Шариъат ҳаром аст.

Дуввум:

Пайванди узвҳои таносулӣ:

Пайванди баъзе узвҳои таносулӣ, ки сифатҳои ирсӣ ва генетикиро намегузаронанд - ба истиснои аврати муғаллаза - дар ҳолатҳои зарурӣ, тибқи қоидаву меъёрҳои шаръӣ ҷоиз аст.

Аллоҳ донотар аст.